«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи Моёншо Назаршоев
д.и.с., профессор Комилбек Амид Ёрбек
______________________________
«30» ____________ соли 2026

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ МОЁНШО НАЗАРШОЕВ

Диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи **«Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ба анҷом расидааст.

Одиназода Сафармоҳ Нурулло соли 2017 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз руйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Дар баробари фаъолияти пурсамар аз соли 2020 то 2025 ба ҳайси ассистент ва аз соли 2025 то инҷониб ҳамчун муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият карда истодааст.

Одиназода Сафармоҳ Нурулло соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Соли 2025 аз сабаби мавҷуд набудани факултетҳои филологӣ дар Академия ва иҷозат набудани ҳимоя дар самти адабиётшиносӣ ба кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев интиқол ёфтааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

28.05.2021, тахти №11/33 тасдиқ гардидааст.

Дар ин муддат Одиназода С.Н. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои «Забони хориҷӣ (англисӣ)» бо баҳои «хуб» аз 13.12.2022, «Таърих ва фалсафаи илм» бо баҳои «хуб» аз 23.04.2024 ва «Таърихи адабиёти тоҷик, робитаи адабӣ (аз рӯйи ихтисоси 6.2.15)»-ро бо баҳои «аъло», аз 17.04.2026 супоридааст, бо шаҳодатномаи № 3 аз 17.04.2026 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Шозиёева Гулмо Парвонашоевна – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба таҳқиқи таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ ва таърихии «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» бахшида шуда, дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зерфаслҳо, хулоса, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти мақолаҳои илмӣ иборат аст.

Фирдавсишиносӣ дар замони шуравӣ, бештар дар марҳилаи дуюм, ки ба солҳои 50-80-уми асри XX дар ташаккули афкори адабии тоҷик таъсири муассир гузошта, боиси рушди зеҳнии ҷомеа ва аҳли илму адаб гардидааст. Дар ин замина «Шоҳнома» бар пояи сохтори шуравӣ дар афкори адабии халқи шуравӣ таъсир гузоштааст. Дар ин радиф халқи тоҷик ба «Шоҳнома» бо ҷаҳонбинӣ ва руҳияи тоза таваҷҷуҳ карда, дар он мазмуни инқилобӣ, озодии инсон, адолати иҷтимоӣ, ҳаёти меҳнаткашон, баробарҳуқуқӣ ва ғайра пайдо намуданд.

Одиназода Сафармоҳ Нурулло кори таҳқиқотиро бо нигоҳи тоза мавриди пажуҳиш қарор дода, ба масъалаҳои муҳим, аз ҷумла сохтор, мазмун ва дарунмояи онҳо пардохтааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалахои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои

диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Ҳангоми пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, матншиносӣ ва равобити адабӣ метавон ба маводди диссертатсия такя кард.

Дар диссертатсия бори нахуст фирдавсишиносӣ ҳамчун самти ҷудогонаи адабиётшиносии тоҷик ва таъсири он дар ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX) мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

– муайян намудани ҷойгоҳи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар адабиёти муосири тоҷик;

– таҳқиқи афкори адабӣ-эстетикии Абулқосим Фирдавсӣ ва таъсири он ба ҷомеаи шуравӣ;

– мушаххас намудани дараҷаи омӯзиши нашр ва таҳқиқи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ;

– таҳқиқи ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ дар асоси маъхазҳои таҳқиқӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, осори манзум ва мансури шоирону нависандагони тоҷики солҳои 50-80-уми асри XX;

– баррасии афкори адабӣ-эстетикии Абулқосим Фирдавсӣ дар эҷодиёти шоирону нависандагони муосири тоҷик;

– мушаххас намудани дараҷаи омӯзиши фирдавсишиносӣ дар солҳои 50-80-уми асри XX дар Тоҷикистон;

– муайян намудани марҳалаҳои асосии самти фирдавсишиносӣ;

– таълифи мақола ва монографияҳои илмӣ роҷеъ ба «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар Тоҷикистони замони шӯравӣ нашршуда;

– баррасии нуқтаи назари мунаққидон, муҳаққиқон ва адабиётшиносони шуравии тоҷик оид ба «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар доираи масоили пандуахлоқӣ;

– таъйини замина ва омилҳои илмӣ-адабии ташаккул ва таҳаввули фирдавсишиносӣ дар осори манзум ва мансури адабиёти муосири тоҷик;

– баррасии илмии аҳаммияти мавзуъҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ барои ҷомеаи шуравӣ;

– таҳлили ғояҳои ватандӯстона, инсондӯстона ва башардӯстонаи Абулқосим Фирдавсӣ ва таъсири онҳо ба ҷомеаи шуравии тоҷик;

– омӯзиши таъсири вижагиҳои ғоявию бадеии фирдавсишиносӣ ба ҷомеаи шуравии тоҷик;

– баррасии зарурати омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ дар замони Истиқлол;

– мушаххас намудани таҳқиқи минбаъдаи рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Воқеан, бузургии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар пайвандии адабиёти классикӣ ва адабиёти муосири тоҷик муайян мешавад, зеро дастовардҳои маънавии гузашта ва таҷрибаҳои андӯхташудаи ниёгон ба даврони ҷадид интиқол меёбанд.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои** таҳқиқ "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ иборат аз 9 ҷилд (нашри солҳои 1964-1966 ва 1987-1990), корҳои пажуҳишии солҳои 50-80-уми асри XX, бахусус, мақолаву асарҳои илмӣ ва инчунин тарҷумаҳо рӯйи кор омадааст. Ҳамчунин, зимни пажуҳиш аз асарҳои манзум ва мансури шоирону нависандагони замони шуравии тоҷик, ки аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ таъсир пазируфтаанд, истифода шудааст.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Зимни таълифи диссертатсия аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии мутахассисон, донишмандон ва адабиётшиносони маъруфи замони шуравӣ, ба монанди Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, А. Лоҳутӣ, А. Мирзоев, Ш.

Ҳусейнзода, М. Шакурӣ, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, К. Айнӣ, Х. Отахонова, Х. Шарифзода, М. Муллоаҳмад, А. Сатторзода, А. Маҳмадаминов, Г. Шозиёева ва дигарон мавриди истифода қарор дода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ корбурд гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мушаххасоти самти *фирдавсишиносӣ* дар замони шуравӣ, ки маҳз ба омӯзиши мероси адабии ниёгонамон бахшида шудааст, ба шакли диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мушаххасоти воҳиди таҳқикро таъсири фирдавсишиносӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX) ташкил медиҳад.

Ҷанбаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тарҷумавӣ ва бадеии осори Абулқосим Фирдавсӣ, ки дар диссертатсия таҳқиқ шудаанд, аз дастовард ва навоварии илмии диссертант маҳсуб мешавад. Навгониҳои илмии таҳқиқ метавонанд дар раванди озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ», ки дастур ва ҳидояти бевоситаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, мавриди истифода қарор гиранд.

Фирдавсишиносӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик дар замони соҳибистиқлолии кишвар накши бештарро касб намуда, омилҳои мусбатро ба вуҷуд овардааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назарии таҳқиқ бо он мушаххас мешавад, ки вижагиҳои назарии матраҳгардида дар баррасии усулҳои истифодашуда дар масъалагузории таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷик дар таҳқиқи минбаъдаи самти фирдавсишиносӣ, тарҷумаи «Шоҳнома» ба забонҳои гуногуни дунё ва таъсирпазирии шоирону нависандагони муосир аз андешаҳои инсондӯстонаи Абулқосим Фирдавсӣ дар таълифи асарҳои манзуму мансур дар саҳми муносиб хоҳад гузошт.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи фирдавсишиносӣ дар

Тоҷикистон ва ҳамчунин дар амалияи илми адабиётшиносӣ муфид арзёбӣ мегардад.

Маводди пажуҳиши мазкурро зимни таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ вобаста ба адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, таҳияи маводди таълимии дарсҳои амалии факултету шуъбаҳои филологияи тоҷик ва робитаи адабии мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва таҳқиқоти мухталифи илмӣ-академӣ истифода бурдан мумкин аст. Маводди диссертатсия ҳамчунин барои анҷом додани таҳқиқоти минбаъда замина фароҳам меоварад.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаву хулосаҳои диссертатсияро метавон зимни таълифи монографияҳои илмӣ оид ба омӯзиши рӯзгор ва осори намояндагони адабиёти классикӣ, бавижа Абулқосим Фирдавсӣ, мақолаву монографияҳои илмӣ, баргузор намудани курсҳои тахассусӣ, машғулиятҳои факултативӣ доир ба адабиёти муосири тоҷик ва монанди инҳо дар факултетҳои риштаи суханшиносии донишгоҳҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгории кишвар мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

**1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Одинаева, С.Н. Масъалаҳои омӯзиши осори Фирдавсӣ дар замони Иттиҳоди Шуравӣ [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 6 (95). – С. 209-212.

[2-М]. Одинаева, С.Н. Саҳми муҳаққиқони шуравӣ дар омӯзиши осори Фирдавсӣ [Матн] / С.Н. Одинаева // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2022. – № 3 (268), – С. 294-297.

[3-М]. Одинаева, С.Н. Фирдавсишиносӣ ва рушди он дар Тоҷикистон (дар заминаи Иттиҳоди Шуравӣ) [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе, 2023. – № 1-1 (107). – С. 38-42.

[4-М].Одинаева, С.Н. Нигоҳе ба фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шуравӣ [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе, 2023. – № 2 (110). – С. 37-41.

[5-М]. Одинаева, С.Н. Саҳми Садриддин Айнӣ дар фирдавсишиносӣ [Матн] / С.Н. Одинаева // Ахбори Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 3 (48). – С. 92-97.

[6-М]. Одинаева, С.Н. Анъана ва навоварӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар заминаи фирдавсишиносӣ (солҳои 50-80-уми асри XX) [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №1 (108). – С.172-183.

[7-М]. Одиназода, С.Н. Ҷойгоҳи худшиносии миллӣ дар «Шоҳнома» ва таъсири он дар адабиёти муосири тоҷик [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2026. – №3 (122). – С. 128-132.

**2. Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

[8–М]. Одинаева С.Н., Шозиёева Г.П., Шуҳрати Мавлоно дар Ғарб [Матн] / С.Н.Одиназода // Маводи конфренсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ-Румӣ дар ҳамгироии фарҳангии кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ». Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 30 сентябри соли 2023. – С. 106-117.

[9–М]. Одиназода, С.Н. Паҳлуҳои тарҷума ва таҳқиқи «Шоҳнома» [Матн] / С.Н.Одиназода // Маҷмуи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Авлавияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар дар низоми хизмати давлатӣ: таҳкими салоҳияти рақамӣ». Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 24 апрели соли 2026. – С. 372-383.

[10–М]. Одиназода, С.Н. Нигоҳе ба тарҷума ва таҳқиқи «Шоҳнома» [Матн] / С.Н.Одиназода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ». Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 29 апрели соли 2026. – С. 307-312.

[11–М]. Одиназода, С.Н. Ҷойгоҳи Абулқосим Фирдавсӣ дар шароити бисёрфарҳангии замони шуравӣ [Матн] / С.Н.Одиназода // Маҷмуи маводди Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами Филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». Донишгоҳи давлатии байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 30 апрели соли 2026. – С. 500-508.

**Натиҷаҳои таҳқиқро** ҳангоми таълиму тадриси фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, накди адабӣ, услубшиносӣ, таҳқиқоти минбаъдаи фирдавсишиносӣ ва семинарҳои тахассусии мактабҳои олии кишвар **татбиқ намудан мумкин аст.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Масъалаҳои асосии дар диссертатсия дарҷгардида бори аввал ба пажуҳиши комил кашида шудааст. Дар диссертатсия ҷанбаҳои фирдавсишиносӣ, ба мисли пажуҳишҳои илмӣ, тарҷумаи «Шоҳнома» ба забони халқҳои гуногуни ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, таъсири ғояҳои Абулқосим Фирдавсӣ ба афкори адабии тоҷик ва таъсир бардоштани шоирону нависандагони замони шуравии тоҷик дар солҳои 50-80-уми асри XX нишон дода шуда, ҳар гуна усулҳои таҳлили илмӣ муаррифӣ гардидаанд.

Таҳлилҳое, ки дар диссертатсия барои шинохти амиқи фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 50-80-уми асри XX) ва таъсири он ба мафкураи ҷомеаи шуравӣ анҷом ёфтаанд, аз ҷумлаи ибтикороти мо мебошанд.

Кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ

Нурулло дар мавзуи **«Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 8 аз 29 апрели соли 2026.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи адабиёт ва журналистика Шосафоева С.Ш.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ Броимшоева М.Қ.

Имзои Шосафоева С.Ш. ва Броимшоева М.Қ.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Саидрахмонов Н.С.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
736600, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109,
Телефон: (+992) 501 33 47 25

«29» апрели соли 2026